# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи рисолаи илмӣ ба мавзуъ ва мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад:

Банди 1 - Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (ҷанбаҳои таҳқиқот дар рушд ва таҳкими илми педагогика, боҳамалоқамандӣ ва татбиқи назариявии онҳо, усулҳои таҳқиқотии педагогӣ); банди 2 - Консепсияи миллии тарбия (сатҳу сифати тарбия ва технологияҳои амалисозии он, равандҳои навоварона дар тарбияи насли наврас); банди 3 - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;); банди 4 - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;).

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳангиву адабии миллати куҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти кишварамон мебошад.

Рушди ҷомеа дар ҳар кишвари мутараққӣ бо ғановати маънавии таърихи гузаштагонаш иртибот дорад ва танҳо ифтихорот аз дастовардҳои тамаддуни миллӣ, омӯзиши таърих, шинохти фарҳанг ва қадрдонии муттафаккирони хирадманд ва аҳли илму адаби миллати хеш метавонад дар рафти таълиму тарбияи насли нав саҳмгузор бошад ва ин наслро ба баҳрабардорӣ аз ғояҳои маънавии хеш, ба худшиносии амиқ оварда расонад.

Аз ин ҷост, ки ҳар миллати соҳибтамаддун барои рушд додани соҳаи маориф ва заковати маънавии мардуми хеш, пеш аз ҳама, ба тариқи рушд додани илму маърифат, гиромӣ доштани мактаб, омӯзгор, барномаҳои

таълимӣ, китоб, талқини масъулияти падару модар, дарки худшиносӣ ва шинохти ҷойгоҳи хеш дар ҷомеа ва ба ин монанд бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд ва расму русуми анъанаҳои таълимии гузаштаро ҳамчун маҳсули хиради инсонӣ сармашқи фаъолият дар ин соҳа қарор медиҳад.

Мутобиқи нишондоди сарчашмаҳо, дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас омӯзиши осори маданӣ-фарҳангии гузаштагони халқи форсу тоҷик нақши ниҳоят муҳим ва созгор мебозанд.

Вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ:

- баррасии вазъи омӯзиши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли наврас;

- ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII ба таълим ва тарбияи насли наврас;

- нишон додани нақши ғояҳои таълимӣ ва тарбиявии дини Ислом дар ташаккули назарияи педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII;

- коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодабарии назарияи педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар раванди таълиму тарбияи насли наврас.

Инчунин, осори Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Убайди Зоконӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ибни Туфайл, Саъдии Шерозӣ, Имом Ғазолӣ, Муҳаммад Қутб, Насриддини Тусӣ ва дигаронро низ метавонем ба мушоҳида гирем.

Андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Фарзонаи Сайфиддин дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст.

Бо итминон зикр кардан мумкин аст, ки диссертант қобилияти озодона фикр кардан, таҳлил ва арзёбии лаҳзаҳои педагогӣ дошта, то андозае метавонад имкониятҳои илмӣ ва эҷодии худро мустақилона истифода намояд, масъаларо таҳлил намуда, хулоса барорад ва оид ба мавзуи таҳқиқотӣ метавонад тавсияҳои методӣ пешниҳод намояд.

Дар баробари ин, довталаб дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилоти муҳимеро вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталабро мо ниҳоят мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Фарзонаи Сайфиддин, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи он мебошад, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа, вазифаҳо ва фарзияи илмии пешниҳодшуда дар амал тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқей дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- неруи тарбиявии афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII – XIII ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли наврас ошкор карда шуд;

- технологияи татбиқи таълимоти педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII дар ташаккули шахсияти инсони даврони муосир баррасӣ карда шуданд;

- технологияи истифодаи ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони форсу тоҷик дар раванди таълим ва тарбияи насли навраси ҷомеаи муосир муайян карда шуданд;

- андешаҳои педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII оид ба масъалаҳои таълим ва тарбияи насли наврас баррасӣ карда шуданд;

- шароити мусоиди педагогӣ барои тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII, ки ба рушди шуури ватандӯстӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;

- сифатҳои шахсият тибқи ғояҳои мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII, ки дар ташаккулёбии шахсияти хонандагон таъсири мусбат мерасонанд, ошкор ва муайян карда шуданд;

- ҷанбаҳои асосии фаъолияти якҷояи толибилмон ва устодон вобаста ба истифодаи андешаҳои педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ муайян карда шуданд;

- истифодаи фикрҳои ахлоқии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII дар ҷараёни таълиму тарбияи шогирдон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат асоснок гардиданд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсияро инъикос мекунанд:

1. Ҷалби мутахассисони соҳаи педагогию психологӣ ба афкори ахлоқӣ-педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII.

2. Тарбияи ватандӯстӣ бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII аз маҷмуи тадбиру амалҳое иборат мебошад, ки ба татбиқи имкониятҳои иҷтимоию педагогӣ ва истифодаи пурратари захираҳои мавҷудаи муассисаҳои таҳсилот, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои динӣ дар тарбияи ҳиссиёту эътиқодоти ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбии ҳомиёни Ватан нигаронида шудаанд.

3. Таъсири ақидаҳои озодандешонаи мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII-и форсу тоҷик ба ворисон ва намояндагони дигар халқияту миллатҳо.

4. Нақш ва саҳми осори мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII дар рушди ақидаҳои прогрессивии умумибашарӣ.

5. Аҳамияти афкори мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII дар тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳагӣ ва худогоҳии миллӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишаванда дар дараҷаҳои назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада таъмин карда шудаанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда***, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин нигоҳ, Фарзонаи Сайфиддин таҳқиқоти муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархӯри ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 13 номгӯйи

мақолаҳои илмӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки аз он ҷумла, 8 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- мавзуи интихобшуда ба таври талабшаванда таҳқиқ ва коркард нашудааст;

- методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси мушкилоти таҳқиқот муайян карда шуд, аз норасоии коркардҳои илмӣ-таҳқиқотии асосҳои рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ тавассути ТИК дар МТМУ иборат аст.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ солҳои 2018-2025 дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввар, ки дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон инчунин гузоришҳо дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва ДМТ баррасӣ ва тасвиб гардиданд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ аст.

Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва хулосаи умумии рисола возеҳу саҳеҳ пешниҳод карда шудааст.

Муҳаққиқ, дар таҳқиқи диссертатсияи илмӣ воқеан заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассисе, ки солҳои зиёд дар соҳаи маориф ва илми кишвар кору фаъолияти муназзам намудааст ва донандаи хуби кадрҳои ҷавони соҳаи маориф ва илм мебошад, худро муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии комил метавонем гуфт, ки диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин кори таҳқиқотӣ-илмии бaанҷомрасида буда, арзиши баланди илмии назариявӣ ва амалӣ дорад.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.***

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1. Аз таҳлили бобҳо хулосаи муайян бароварда нашудааст, дар ҳоле ки зерфаслҳо низ хулосаҳои нопурра доранд.
2. Дар бахши феҳристи адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, миқдори саҳифа якнавохтӣ ба назар намерасад.
3. Дар хулосаи рисола тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия ҳамагӣ дар панҷ банд оварда шудаанд, ки ин кофӣ нест.
4. Дар рисола қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, дуруст истифода нашудааст, масалан дар саҳифаҳои 12, 39, 52, 72, 140, 158, 160 ва ғайра.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат аҳён-аҳён хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

1. Диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин кори баитмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионии худ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII-XIII дар тарбияи насли

наврас дар шароити муосири таҳсилот» ба шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошафд.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав: Абдураҳимзода Қ. С.

*Имзои Қ.С. Абдураҳимзодаро тасдиқ мекунам:*
Сардори ШК ва КМ-и МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53;
почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru;
сомона: www.btsu.tj.

«4» июли 2025 с.